«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________ Ибодуллозода А.И.
«15» ноябри соли 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба диссертатсияи *Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан* дар мавзӯи «*Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ*» оид ба дарёфти дараҷаи илмии *номзади илмҳои техникӣ* аз рӯйи ихтисоси *25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ,***
**Диссертатсия ба соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси** 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ***гидрохимия***

Кори диссертатсионии Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан дар лабораторияи Иқлимшиносӣ, пиряхшиносӣ ва моделкунонии захираҳои оби Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти роҳбарии илмии номзади илмҳои техникӣ, ходими калони илмӣ Кодиров Анвар Саидкулович иҷро шудааст. Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрам - таҳқиқи маҷмӯии хусусиятҳои гидрологӣ минтақаи ташаккулёбии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Панҷ ва тағйирёбии шароитҳои иқлимии он, бо назардошти усулҳои ҳисоб ва пешгӯии маҷрои дарё бахшида шудааст, ки аҳамияти муҳимми илмию амалӣ дорад.

мутобиқат мекунад:

- Асосҳои назариявӣ ва методологии гидрология, гидрография, маҷро, лимнология, равандҳои ташаккул ва сарфаи об; гидрохимия ва гидроэкология;

- Қонуниятҳои гирдгардиши глобалии об; ташаккул, ҳарорат, трансформатсия, ҷузъҳои энергетикӣ ва ҷараёни об; масълаҳои гидрологии минтақавӣ; хусусиятҳои кимиёвии об, генезиси ташаккули об, табиати физикавӣ ва тағирёбии маҷро;

- Хусусиятҳои хоси равандҳои гидрологӣ, гидрохимиявӣ ва гидробиологӣ дар кулҳо ва обанборҳо; пайдоиши динамикӣ дар кӯлҳо ва обанборҳо; генезис ва трансформатсияи ҳолати вазни об; масъалаҳои амсилакунонии лимнологӣ; оптимизитсияи реҷаи объектҳои обии хушкзамин;

- Коркарди асосҳои илмии таъмини бехатарии гидроэкологии минтақа ва объектҳои хоҷагидорӣ; бехатарӣ, самаранокии иқтисодӣ ва экологии истифодаи об дар соҳаҳои гуногун; банақшагирии фаъолияти

хоҷагидорӣ дар соҳаи баландшавии хавфи гидрологӣ; ҳифзи объектҳои обӣ аз ифлосшавӣ.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**. Минтақаи ташаккулёбии ҳавзаи дарёи Панҷ ба минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон шомил гардида, омӯзиши пурраи хусусияти гидрологӣ, инчунин хусусияти ин минтақа дар шароити тағйирёбии иқлим ниҳоят муҳим мебошад, ки усулҳои ҳисоб ва пешгӯии маҷрои онро дар маҷмӯъ муайян менамояд.

Маълум аст, ки дар мавзеъҳои кӯҳӣ дидбонгоҳҳои гидрологӣ дар маҷрои миёна ва поёноб ҷойгир мебошанд ва ченкуниҳо дар маҷмӯъ танҳо обнокии миёнаи ҳавзаи дарёро муайян менамоянд. Бо ин мақсад барои иҷрои қонунияти табиии асосӣ дар мавзеъҳои кӯҳӣ, инчунин равандҳои гидрологӣ таҳлили пурраи тақсимшавии маҷро дар мавзеъҳои баланд, ҳамчунон аз рӯи омилҳои иқлимӣ бо дарназардошти идоракунии антропогении маҷро лозим мебошад. Бар замми ин, дар робита бо усулҳои тадқиқоти маҷрои оби дарёҳои куҳӣ дар мавзеи ташаккулёбӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Омилҳои ба тағйирёбии иқлим таъсиркунанда (гардиши уқёнусӣ, афканишоти офтоб, ки ба Замин равона шудааст, равандҳои заминӣ ва биотӣ, аз ҷумла тағйирёбии антропогении муҳити зисти табиӣ) боиси ба амал омадани гармии глобалӣ мегарданд. Олимони сайёра аллакай мавқеъи фаъолро вобаста ба мафҳуми иқлим дар гузашта ва оянда қабул карда, дар ин баробар онҳо ба мушоҳидаҳо ва амсилаҳои назариявӣ такя мекунанд. Вобаста ба самти назариявӣ ҳангоми муносибати илмӣ дар муқоисакунии маълумотҳои иқлимии солҳои пешин ва барои пешгӯиҳо дар оянда, ичунин барои муайян намудани сабабҳо ва оқибатҳо дар тағйирёбии иқлим дар аксари мавридҳо амсилаи физикии гардиши умумӣ истифода мешавад.

Ҷумҳури Тоҷикистон соли 1998 дар қатори дигар давлатҳо аъзои Конвенсияи қолибии СММ оид ба тағйирёбии иқлим гардида, соли 2008 протоколи Киоторо ба мувофиқа расонид. Аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи ӯҳдадориҳои худ дар доираи Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбиҳои иқлимӣ ҳисоботи миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва оид ба таҳияи иқтидор дар самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт (солҳои 2001-2002, 2008, 2015, 2022 Ахбороти чоруми миллӣ) омода намуда, Нақшаи миллии амал оид ба коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлимро таҳия намуд. Ин ҳуҷҷатҳои болозикр барои кишвар ҳамчун ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда дар масъалаи тағйирёбии иқлим гардиданд.

Тағйирёбии иқлим, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳидашаванда мебошад боиси номуайянии баланди вобаста ба пешгӯии ҳолати ҳозира ва ояндаи захираҳои об мегардад. Дар робита ба ин аҳамияти аввалиндараҷа ба қазияҳои обшиносӣ, асосан ба масъалаҳои вобаста ба истифодаи захираи оби дарёҳои фаромарзӣ равона мегардад. Зарурияти омӯзиши захираҳои об дар робита ба ҳадафҳои рушди устувори тамоми минтақа ба миён меояд. Дар ин баробар диққати ҷиддӣ ба ҳавзаи дарёи Панҷ, шохоби бузурги Амударё,

ки дар ҳудуди панҷ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгир мебошад, равона гардидааст.

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ**. Мақсади мавзуъ тадқиқоти хусусиятҳои ташаккулёбии маҷро, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои обии дарёи Панҷ (шохоби асосии ҳавзаи дарёи Амударё) дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим ба ҳисоб меравад.

Барои ноил шудан ба ин мақсади болозикр масъалаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

- Шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ таҳлил шудааст;

- Хусусиятҳои иқлимӣ ва таъсири он ба шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ дар марҳилаи муосир омӯхта шудааст;

- Мушкилиҳо дар мавзеи ташаккулёбии ҳавзаи дарёи Панҷ муайян шудааст;

- Тақсимшавии миқёсии захираҳои об дар ҳавзаи дарёи Панҷ таҳлил ва арзёбӣ шудааст;

- Таъсири омилҳои антропогенӣ ба тағйирёбии хусусияти маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ муайян шудааст;

- Қонунияти умумии омили иқлимӣ ба тағйирёбии хусусияти маҷрои дарёи Панҷ муайян шудааст;

- Таъсири шароитҳои тағйирёбии иқлимӣ, инчунин коҳишёбии майдони пиряхҳо ба маҷрои дарёи Панҷ арзёбӣ шудааст.

Дар асоси тадқиқот муаллиф ба навгониҳои зерини илмӣ ноил шудааст:

1. Вобастагии миқдори боришот аз баландии мавзеъ дар ҳавзаи дарёи Панҷ, инчунин тақсимшавии боришот аз рӯи мавсимҳо дар ҳавза муайян карда шудааст.

2. Ҷараёни хусусияти иқлимӣ ва таъсири он ба шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ дар давраи муосир, дар асоси таҳлили 11 шохобҳои ҳавза ва қазияҳои асосии мавзеи ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарё нишон дода шудаанд. Ҳангоми таҳлили миқдори солонаи боришот тағйирёбии назарраси миқёсӣ ва фосилавии онҳо муайян шуда, ба давраҳои ниҳоят хушк ва намнок ҷудо карда шудаанд.

3. Тақсимшавии фосилавии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Панҷ муайян гардида, нишондоди миёнаи моҳона, маҷрои камтарин ва баландтарини дарёи Панҷ нишон дода шудааст.

4. Нақши фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳавзаи дарёи Панҷ ва идоракунии маҷро дар давраи муосир нишон дода шудааст. Бо мақсади арзёбии умумии таъмини аҳолӣ ба оби нушокии захираи қиёсӣ (захира ва пешгӯиҳо)-и ҳавзаи дарёи Панҷ муайян карда шудааст.

5. Хусусияти ташаккули серобӣ дар ҳавзаи дарёи Панҷ муайян шуда, усулҳои ченкунии серобӣ нишон дода шудаанд.

6. Тағйирёбии ҳарорати ҳаво аз рӯи таҳлили тағйирёбии моҳонаи ҳарорат дар шабакаҳои гуногуни минтақаи Помир дар солҳои 1991-2016 дар муқоиса ба солҳои 1961-1990 арзёбӣ шуда, маҷрои дарёи Панҷ дар шароити муосири тағйирёбии иқлим муайян карда шудааст.

**Дар муқаддима** (саҳ. 4-12) аҳамияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардида, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии кор нишон дода шуда, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба тартиб оварда шуда, нишон дода шудааст.

**Боби якуми тадқиқот** «Шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ» (саҳ. 13-53) аз таҳлили адабиёти илмӣ ва илмӣ-тадқиқотии марбут ба ҳавзаи дарёи Панҷ иборат буда, дар он доир ба омилҳои табиию географии ташаккулёбии маҷро ва реҷаи обии ҳавза, гидрогеологияи ҳавза, тамоюли хусусиятҳои иқлим ва таъсири онҳо ба шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавза ва масоили асосии минтақаи ташаккулёбии маҷрои ҳавза ба таври муфассал маълумот оварда шудааст.

Ҳамчунин, дар хулосаи боби якуми диссертатсия (саҳ. 49-53) нуқтаҳои асосӣ аз таҳлили адабиёти соҳавии ба ҳавзаи дарёи Панҷ бахшидашуда ва хулосаҳои илмии муаллифи тадқиқот ба таври равшан баён гардидаанд.

**Дар боби дуюм** «Хусусиятҳои умумии захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» (саҳ. 54-87) натиҷаҳои илмӣ оид ба гидрологияи ҳавза, тақсимоти фазоии захираҳои обии ҳавза ва маҷрои миёнамоҳӣ, минималӣ ва максималии ҳавза инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тавр, муаллиф дар хулосаи боби дуюми тадқиқот (саҳ. 85-87) доир ба минтақаи ташаккулёбии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Панҷ маълумот дода, нишон медиҳад, ки баландии ин минтақа ба ҳисоби миёна тақрибан 3800 метрро ташкил медиҳанд. Мувофиқи ҳисобҳои муаллиф маҷрои дарё дар моҳҳои март-июн тақрибан 37%-и маҷрои солона ва дар моҳҳои июл-сентябр наздики 44%-ро ташкил медиҳад.

**Боби сеюми диссертатсия** «Фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳавзаи дарёи Панҷ» (саҳ. 88-111) ба тадқиқи истифодаи оби ҳавзаи дарёи Панҷ дар бахшҳои манзиливу коммуналӣ, саноат, кишоварзию обёрӣ ва инчунин, идоракунии антропогении маҷро ва захираҳои обии фаромарзӣ бахшида шудааст.

Дар хулосаи боби сеюм (саҳ. 88-111) натиҷаҳои илмӣ аз истифодаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, муаллиф барои тасдиқи ин андешаҳои худ нишон додааст, ки ин қимат 17-20%-и ҳамаи дарёҳоро ташкил медиҳад, нисбат ба маҷрои моҳонаи солонае, ки дар ҳавзаи баҳри Арал мутобиқат мекунад ҳаҷми истифодаи об дар кишвар тақрибан дар ҳудуди 9-12%-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, таҳлили маълумоте, ки дар кадастри давлатии об оварда шудаанд, нишон дод, ки иқтидори иншооти тозакунанда 209 млн м$^3$ ва обпартои воқеии – 585 млн м$^3$, аз ҷумла хоҷагии манзилии коммуналӣ – 246 млн м$^3$ ташкил медиҳанд, яъне иқтидори иншоотҳои тозакунанда назар ба хаҷмӣ фозилобҳо 2,8 баробар камтар аст.

**Боби чорум** «Захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ дар шароити тағйирёбии муосири иқлимӣ» (саҳифаҳои 112-145) масоили марбут ба хусусиятҳои ташаккули серобӣ дар ҳавза, омилҳои тағйирёбии иқлим ва хусусиятҳои маҷро, сатҳи маҷро дар бисёробӣ ва тағйирёбиҳои он,

шакли тамоюли камобӣ, миёна ва серобӣ ва имконоти ислоҳоти сохтори идоракунии захираҳои обӣ бо назардошти иқтисодиёти муосир дар бар мегирад.

Мувофиқи хулосаи боби чор (саҳ. 145), дар фасли зимистон дар зерминтақаҳои кӯҳӣ (баландиҳои то 3000 м) бо ҳарорати миёнаи моҳонаи пасттарини моҳи январ, вале ҳарорати миёнаи пасттарин нисбатан баланд (кариб -2°C) фарққунанда мебошад. Зимистон бештар шамолҳои кӯҳӣ, ки дар натиҷаи антисиклони орографӣ ба вуҷуд меоянд, ҳукумфармоянд. Фасли тобистон хеле гарм буда, зерминтақаҳоеро, ки бо реҷаи якхелаи ҳарорат ва суръати яксолаи боришот хос аст, метавон ба минтақаи хушк, ки миқдори боришоти солона аз 36 мм зиёд набошад ва намнок, ки дар он вобаста ба нишебиҳо миқдори боришот то 900 мм дар як сол зиёд мешавад, тақсим кардан мумкин аст.

**Дар хулоса** (саҳифаҳои 146-148) натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кори диссертатсионӣ мураттаб гардида, дар 12 натиҷаи асосии илмӣ ва 6 тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот инъикос ёфтаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада** аз тарафи махзани маълумотҳо, ҳангоми тадқиқотҳои ҳаҷми калони ченкуниҳои обшиносӣ ва нишондодҳое, ки дар ҳудуди ҳавзаи дарёи Панҷ ҷамъоварӣ шуда, бадастомада, таъмин ва мувофиқат карда шудаааст. Дар баробари ин таҳлили воқеъи ва муосири оморӣ, инчунин коркарди натиҷаи таҳлилҳо ба анҷом расонида шудааст. Таҳлилҳо тавассути амсилаи MOTCAO гузаронида шудаанд.

Диссертатсия ва автореферати, сохтор ва интишорот ва барасмиятдарорӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**Автореферат** мазмуну муҳтавои диссертатсияро комилан дуруст инъикос намуда, бо забони фаҳмо навишта шуда, сохтори он ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва натиҷаҳои асосиро равшан нишон медиҳад. Хулоса ва натиҷаҳои тадқиқот ба қадри кофӣ асоснок карда шудаанд.

**Тасвиб ва нашри натиҷаҳои тадқиқот**. Натиҷаҳои асосии мавзӯи диссертатсия дар 15 ҳамоишҳо, конференсияҳо ва семинарҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза ва муҳокимаронӣ шудааст.

Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шудааст. Бо вуҷуди ин, он аз камбудиҳо орӣ набуда, дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1. Муаллиф дар хулосабарориҳои худ аз амсилаи MOTCAO ёдовар шудааст, аммо саҳми муаллиф оид ба амсила ноаён мондааст.

2. Муаллиф дар ҷадвали диссертатсия вобастагиии миқдори боришот аз баландии мутлақи маҳалро муайян кардааст вале сабабҳояшро пурра иникос накардааст.

3. Дар кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлогӣ ва стилистикӣ низ мушоҳида мешаванд.

Камбудию эродҳои гирифташуда арзиши илмии натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомадаро паст намекунанд. Ин камбудию эродҳо

аслан хусусияти машваратӣ дошта, дар тадқиқоти минбаъда ба эътибор гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест. Сарфи назар аз камбуду эродҳо диссертатсияи мазкурро метавон тадқиқоти комили анҷомёфта шуморид.

Мазмуни диссертатсия, мақолаҳои илмие, ки оид ба мавзӯи он ба нашр расидаанд ва автореферати он ба ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан дар мавзӯи «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31-33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., тахти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии талабнамудаи он мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ муҳокима гардида, якдилона қабул карда шуда, тахти протоколи №2 аз «14» ноябри соли 2022 ба расмият даровардa шудааст.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои география, дотсент Рауфов Р.Н.

Эксперт ва омодакунандаи лоиҳаи тақриз, муаллими калони кафедраи географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои техникӣ Мадғозиев У.Ҷ.

Котиб, муаллими калони кафедраи географияи табиии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои география Имомов А.А.

*Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*Тел.: (+992 837) 224-13-83*

*Имзоҳои н.и.г., дотсент Рауфов Р.Н., н.и.т., м/к. Мадғозиев У.Ҷ. ва н.и.г., м/к. Имомов А.А.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС